## ҚАРОРИ МУШОВАРАИ
## ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз « 31 » майи соли 2011 № 13/29 ш.Душанбе

Дар бораи тасдиқи "Низомномаи намунавӣ оид ба ташкил ва фаъолияти Парки технологии муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ ва илмии соҳаи маориф"

Ҷаласаи мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи "Низомномаи намунавӣ оид ба ташкил ва фаъолияти Парки технологии муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ ва илмии соҳаи маориф "-ро баррасӣ намуда,

қарор мекунад:

1."Низомномаи намунавӣ оид ба ташкил ва фаъолияти Парки технологии муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ ва илмии соҳаи маориф" тасдиқ карда шавад (Низомнома замима мегардад).

2.Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Низомномаи намунавӣ оид ба ташкил ва фаъолияти Парки технологии муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ ва илмии соҳаи маориф"-ро барои иҷро ба роҳбарӣ гиранд.

3.Раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон риояи Низомномаи мазкурро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ зери назорат гирад.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини аввали Вазир Ф. Раҳимов гузошта шавад.

Раиси мушовара,
Вазир А. Раҳмонов

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз « 31» майи соли 2011, № 13/29 тасдиқ шудааст.

Низомномаи
намунавӣ оид ба ташкил ва фаъолияти Парки технологии муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ ва илмии соҳаи маориф

## 1. Муқаррароти умумӣ

1) Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 20011-2015» ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҳия гардида, ба таври дақиқ вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, таъсис ва тартиби фаъолияти Парки технологии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва муассисаҳои илмии соҳаи маориф, ҳамчунин муносибатҳои мутақобилаи онҳоро бо дигар мақомот. ташкилот. муассиса ва шаҳрвандон муайян менамояд.

2) Парки технологии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва илмии соҳаи маориф (минбаъд – Парки технологӣ) шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ буда, дар ҳудуди махсус. ки муассисаи таҳсилоти касбӣ ва муассисаи илмии соҳаи маориф муқаррар намудааст, бо қарори мақоми олии муассисаҳои номбурда ва фармоиши ректор (директор)-и муассиса таъсис дода мешавад.

3) Бо розигии мақоми ваколатдори давлатии назорати фаъолияти Парки технологӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ метавонанд, тибқи шартнома дар пояи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва истифодаи қувваи кории хонандагону донишҷӯёни ин зинаҳои таҳсилот истеҳсоли маҳсулоти инноватсиониро дар доираи Парки технологӣ ба роҳ монанд.

4) Барои истеҳсоли маҳсулоти инноватсионии илмталаб муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ ва имконият доранд, ки тибқи шартнома бо ҳамдигар ҳамкорӣ намуда, бо истифода аз нерӯи пуриқтидори илмию таҳқиқотии муттаҳидгардида лоиҳаҳои ҳалталаби соҳаи инноватсияро, ки ба технологияи илмталаб ниёз доранд, ҳаллу фасл намоянд.

5) Вобаста ба талаботи лоиҳаҳои инноватсионӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо муттаҳид намудани иқтидори кадрию пояи моддии техникӣ имконияти ташкил намудани Парки технологӣ ва ба фаъолияти он мутобиқи банди 3 Низомномаи мазкур истифода намудани пояи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро доро мебошанд.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои Парки технологӣ

6) Парки технологӣ бо мақсад ва вазифаҳои зерин таъсис дода мешавад:
- дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатии фаъолияти инноватсионӣ;
- ҷалби муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва илмии соҳаи маориф ба фаъолияти инноватсионӣ;
- ба даст овардани натиҷаҳои самарабахши дар амал татбиқ намудани ғояҳои инноватсионӣ бо ҷалби васеи нерӯи нававару созандаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва илмии соҳаи маориф ба фаъолияти инноватсионӣ;
- ташкили корхонаҳои хурду миёнаи инноватсионӣ дар доираи Парки технологӣ ва дастгирии корхонаҳои хурду миёнаи дигари ватанию хориҷӣ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ғояҳои инноватсионӣ ва ба роҳ мондани технологияи илмталабу аълосифат;
- дар асоси фаъолияти илмию таҳқиқотии олимону омӯзгорон ва кормандони дигари илмии муассисаҳои таълимию илмии дахлдор ҷустуҷӯ намудани ғояҳои дорои натиҷаи баланди истеҳсолӣ ва ба даст овардани фоидаи калони молиявӣ аз истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти инноватсионии дар дохил ва хориҷи кишвар талаботи зиёддошта;
- ба роҳ мондани таҳқиқотҳои илмии инноватсионӣ дар самтҳои гуногуни илм ва дар ин замина тайёр кардани кадрҳои ҷавобгӯи талаботи фаъолияти инноватсионӣ ва замони муосир;
- ҳавасмандгардонии қобилияти зеҳнӣ бо роҳи муқаррар намудани ҳиссаи даромад ба муаллифи ихтирооту натиҷаи дигари таҳқиқоти илмӣ аз фурӯши маҳсулоти инноватсионӣ баҳри афзунгардонии амалӣ гардидани технологияи илмталаб ва аълосифат дар истеҳсолот;
- ташхиси маҳсулоти содиротӣ ва воридотӣ бо мақсади муайян намудани мутобиқати он ба талаботи стандарти муқаррааргардида;
- гузаронидани ташхисҳои дигари молу маҳсулот ҷиҳати муқаррар намудани сифати он ва мусоидат ба муҳити экологӣ;
- омӯзишу таҳқиқи маҳсулот ва технологияи илмталаби аз хориҷи кишвар воридшаванда ва ба роҳ мондани истеҳсолоти ватании маҳсулот бо роҳу усулҳои нави илмӣ;

- такмили ихтисоси муҳаққиқон ва дигар кормандони илмиву таълимӣ, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд;
- тарғибу ташвиқи зарурати гузариш ба фаъолияти инноватсионӣ ва ҷалби ҷавонони лаёқатманд ба корҳои илмию таҳқиқотии инноватсионӣ;
- рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи инноватсия ва ҷалби сармояю кадрҳо аз хориҷи кишвар бо мақсади ба роҳ мондани технологияи инноватсионии илмталабу аълосифат;
- ба фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи инноватсия, аз ҷумла технологияи илмталаб ва аълосифат, хизматрасонии илмӣ ҷалб намудани ҳайати омӯзгорону профессорон, кормандони илмӣ, мутахассисони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, ихтироъкорон, навоварони истеҳсолот ва ҳаматарафа мусоидат намудан барои амалӣ шудани ақидаҳо ва лоиҳаҳое, ки онҳо муаллиф мебошанд;
- дар рӯҳияи фаъолияти инноватсионӣ ба роҳ мондани ҷараёни таълим ва аз курси аввал ба навоварӣ ва корҳои илмию таҳқиқотӣ ҷалб намудани хонандагону донишҷӯён;
- тарбияи насли навраси дар ҳама ҷода эҷодкору навовар ва дар рӯҳияи миллии инноватсионӣ тайёр намудани мутахассисони дорои таҳсилоти касбӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти инноватсионии муассисаҳои таълимию илмии соҳаи маориф ба манфиати рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва таҳкими бахши илмталаби иқтисодиёти миллӣ;
- ба вуҷуд овардани шароит ва имконият (аз ҷумла, гирифтани иҷозатномаҳо) барои гузаронидани корҳои илмию таҳқиқотии амалӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, ҳамчунин истеҳсоли маҳсулот бо истифода аз технологияи илмталабу аълосифат;
- ба вуҷуд овардани шароит барои ташкил намудани гурӯҳҳои илмию таҳқиқотӣ ва эҷодии фаъолияти инноватсионӣ;
- ташкили шароит, аз ҷумла, дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, барои меҳнати сермаҳсули олимони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва илмии соҳаи маориф, ҷалби ҷавонони боистеъдод ба соҳаи илм ва истеҳсолоти илмталаб, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ;
Ба роҳ мондани таҳқиқотҳои илмӣ:
- ҷиҳати амали намудани роҳҳу усулҳои муосири инноватсионии ҷараёни таълим, мониторинг ва назорати баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таълимию илмии дахлдор;
- ҷӯстуҷӯ ва иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ ҷиҳати таҳия ва чопи китобҳои дарсии ҷавобгӯ ба талаботи фаъолияти инноватсионӣ ва стандартҳои байналмилалӣ;
- анҷом додани корҳои илмию таҳқиқотӣ ҷиҳати таҳия ва амалӣ намудани механизми рушди системаи маориф ва ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ тайёр кардани мутахассисон ва кадрҳои илмии баландихтисос;
- ба роҳ мондани корҳои илмию таҳқиқотӣ ҷиҳати ташкили мактабҳои намунавии муосири дорои мазмуни миллии мутобиқ ба фаъолияти инноватсионӣ барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо назардошти омӯзиши механизми фаъолияти мактабҳои давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон ва таъсиси мактабҳои миллии тоҷикӣ дар хориҷи кишвар;

7) Парки технологӣ дар асоси Низомномаи мазкур ва Оинномаи Парки технологӣ, ки аз ҷониби муассиси он тасдиқ карда мешавад, фаъолият мекунад.

### 3.Намудҳои асосии корҳои иҷрошаванда дар Парки технологӣ

8) Барои комёб шудан ба мақсадҳои гузошташуда ва ҳалли масъалаҳои дар назди Парки технологӣ гузошташуда, намудҳои корҳои зерин гузаронида мешавад:
-амалӣ намудани коркардҳои технологӣ, таҷҳизот, дастгоҳҳо ва ғайра;
- ташкили коркарди илмӣ, конструкторӣ ва технологии ихтироотӣ дар Парки технологӣ ё аз тарафи шахси дигар ба вуҷудовардашуда ва тайёр намудану аз озмоиш гузаронидани намунаҳо;
- истифода намудани маблағҳои худӣ ё ҷалбшуда дар лоиҳаҳои илмию техникӣ, аз ҷумла, ташкил намудани истеҳсолоти мустақил, корхонаҳои муштарак;
- расонидани хизматрасониҳои машваратӣ дар соҳаи технологияи илмталабу аълосифат ва соҳибкорӣ;
- аз ташхиси илмӣ гузаронидани ихтироот, кашфиёт, қарорҳои техникӣ ва лоиҳаҳо;
- ҳимояи моликияти ақлӣ, ҳуқуқи муаллифии олимон, ихтироъкороне ки дар муассисаи таҳсилоти касбӣ кор мекунанд, ҳамчунин барои дигар шаҳрвандон (дар асоси шартнома);
- ташкил додани бонки автоматиконидашудаи маълумотҳо оид ба талаботи инноватсионӣ ва имкониятҳои корхона ва фирмаҳо;
- ташкил додани нашрияи иттилоотии инноватсионии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;
- дар шабакаи интернет ташкил ва мавриди фаъолият қарор додани сайти тарғиботию иттилоотии Парки технологӣ;
- ташкил ва гузаронидани намоишҳо, мизи мудаввар, семинар, конференсия. симпозиум ва таҷрибаомӯзии мутахассисон;
-ташкили тайёр намудани мутахассисон оид ба хизматрасонӣ ва истифода намудани технологияи илмталабу аълосифат, оид ба менеҷмент дар иқтисоди бозоргонӣ, таҳқиқоти маркетингӣ, арзёбии

рақобатпазирии маҳсулоти илмию техникии коркард ва истеҳсолшуда ва дигар самтҳои фаъолияти инноватсионӣ;

- ба кор ҷалб намудани мутахассисон ва ташкилотҳои хориҷӣ, дар асоси ин рушд додани ҳамкориҳои илмию техникии байналмилалӣ ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ;

- ташкили нуқтаҳои савдо барои ба фурӯши чакана баровардани маҳсулоте, ки аз тарафи Парки технологӣ истеҳсол карда мешавад;

- ташкил ва мусоидат намудан дар ташкили фаъолияти иттилоотию техникӣ ва рекламавию нашриётӣ, аз ҷумла чоп намудани маҳсулоти рекламавӣ, илмӣ, иттилоотӣ, бадеӣ ва публисистӣ;

- расонидани хизматрасониҳои корҳои матбаа;

- расонидани хизматрасониҳо дар соҳаи маркетинги илмию техникӣ;

- хизматрасонӣ оид ба омӯзиш ва бозомӯзии мутахассисони муассисаҳои таълимию илмӣ, аз ҷумла ташкили омӯзиш ва баланд бардоштани такмили ихтисоси мутахассисон аз тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин аз хориҷи кишвар;

-ҳамкорӣ бо шарикони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти технологияи илмталабу аълосифат ва хизматрасонӣ;

-намудҳои дигари фаъолияти хоҷагидорӣ, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда нашудааст.

## 4. Сохтори Парки технологӣ

9) Сохтори Парки технологӣ ва тағйирот дар онро муассиси Парки технологӣ тасдиқ менамояд.

10) Сохтори Парки технологӣ вобаста ба самтҳои асосӣ ва хусусияти фаъолияти он муайян карда шуда, дар он метавонад зерсохторҳое мавҷуд бошанд, ки иҷрои масъалаҳои асосии Парки технологӣ, аз ҷумла ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, патентию иҷозатномадиҳӣ (литсензионӣ), муҳандисӣ, маркетинг, рекламавӣ ва ғайраҳоро таъмин намояд.

11) Барои коркарди лоиҳаҳои мушаххаси илмию техникӣ, иҷро намудани корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, инчунин дар рафти тайёр намудани истеҳсолот гурӯҳҳои илмию эҷодии муваққатӣ дар мӯҳлати амалӣ намудани шартномаҳо ташкил дода мешавад, ки аъзои онҳо аз рӯйи шартномаҳои меҳнатии мӯҳлаташ муайянгардида кор мекунанд.

## 5.Идораи Парки технологӣ

12) Роҳбари Парки технологӣ бо фармоиши муассис дар доира ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда, Оинномаи Парки технологӣ ва Низомномаи мазкур ба вазифа таъин ва озод карда мешавад.

13) Фаъолияти молиявӣ ба воситаи бахши корҳои илмию таҳқиқотӣ, муҳосиботи марказӣ ва бахши корҳои илмию таҳқиқотии раёсати банақшагирию молиявии муассис гузаронида мешавад, ки аз рӯйи шаклҳои тасдиқкардашуда ҳисобот мебаранд ва тавозуни Парки технологиро ба тавозуни умумии муассисаи таълимию илмие, ки муассиси Парки технологӣ мебошад, пешниҳод мекунанд.

14) Ҷадвали штатии Парки технологӣ бо пешниҳоди роҳбари Парки технологӣ аз ҷониби муассис тасдиқ карда мешавад.

15) Бақайдгирӣ ва гузаронидани мавод, таҷҳизот ва арзишҳои техникӣ (маводи хароҷотӣ)-и Парки технологӣ ба воситаи бахши корҳои илмию таҳқиқотии шӯъбаи муҳосиботи моддии муҳосиботи марказии муассис бурда мешавад.

16) Ба шӯъбаҳои Парки технологӣ сардорони шӯъбаҳо роҳбарӣ мекунанд, ки ба вазифа дар мувофиқа бо муассис бо фармоиши роҳбари Парки технологӣ таъин карда мешаванд.

17) Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои роҳбари Парки технологӣ мутобиқи дастури вазифавӣ муайян карда мешавад, ки бо фармоиши муассис тасдиқ карда мешавад.

Роҳбари Парки технологӣ ба муассис ҳисоботдиҳанда буда, аз ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои зерин бархурдор мебошад:

-роҳбарии умумии маъмуриро аз болои намудҳои фаъолияти илмию истеҳсолӣ ва инноватсионии Парки технологӣ амалӣ менамояд;

-воситаҳои молиявӣ ва моддии дигари Парки технологиро мувофиқи қонунгузории амалкунанда ва ӯҳдадориҳои вазифавӣ идора мекунад;

-ҷадвали штатии Парки технологӣ ва тағйирот ба онро барои тасдиқ ба муассис пешниҳод менамояд;

-интихоб ва ҷобаҷокунии кадрҳоро ташкил намуда, аттестатсияи кормандони Парки технологиро мегузаронад, барои қабул ва озод намудани ҳайати Парки технологӣ ба муассис пешниҳод манзур менамояд;

- аз рӯйи боваринома манфиати муассисро аз рӯйи масъалаҳои фаъолияти инноватсионӣ дар назди шахсони дигари ҳуқуқӣ ва ташкилоту идораҳо намояндагӣ мекунад;

-қарори комиссияи аттестатсиониро оид ба аттестатсияи кормандони илмию техникии қисмҳои сохтории Парки технологӣ тасдиқ менамояд.

18) Сардори шӯъбаи таъминоти фаъолияти иноватсионӣ:

-фаъолияти бахшҳои маркетинг, хариду фурӯш, тарғибот ва намоиш, ҳимояи моликияти зеҳниро роҳбарӣ мекунад;

- масъалаҳои тартиб додани шартномаҳо ва натиҷаи гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ (минбаъд КТТК) , инчунин тартиб додани ҳисоботро мутобиқи супориши муассис роҳбарӣ менамояд;

-барои аз тарафи кормандони шӯъба риоя намудани тартиботи дохилӣ ва интизоми меҳнатӣ назорат мебарад;

-барои иштироки кормандону донишҷӯён дар амалӣ намудани натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва ихтироъкорӣ дар ташкилотҳои истеҳсолӣ мусоидат мекунад, ҳамчунин вазифаҳои дигареро иҷро менамояд, ки мутобиқи дастури вазифавӣ муайян шудааст.

**6. Сардори шӯъбаи истеҳсолию техникӣ:**

19) Вазифа ва ӯҳдадориҳои сардори Шӯъбаи истеҳсолию техникӣ:

-кори бахшҳои конструкторӣ ва технологӣ, озмоишгоҳӣ метрологӣ, бахши дархостҳои истеҳсолӣ, хизмати диспечерии ба ӯ тобеъро роҳбарӣ менамояд;

-барои иҷро намудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ дар Парки технологӣ масъул буда, дар риоя намудани қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва интизоми меҳнат аз тарафи кормандони шӯъбаи худ вазифадор мебошад, ҳамчунин вазифаҳои дигареро иҷро менамояд, ки мутобиқи дастури вазифавӣ муайян шудааст.

20) Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҳайати кормандони Парки технологӣ аз рӯйи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қоидаҳои тартиботи дохилии муассис муқаррарнамуда ва дастурамали вазифавӣ муайян карда мешавад.

21) Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аъзои гурӯҳи илмию эҷодии муваққатии Парки технологӣ, ки барои иҷро намудани корҳои шартномавӣ қабул карда шудаанд, аз рӯйи шартномаи меҳнатӣ, ки мувофиқи нишондоди Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур тартиб дода шудааст, муқаррар карда мешавад.

**7. Моликият ва воситаҳои Парки технологӣ**

22) Парки технологӣ бо мақсади таъмин намудани фаъолияти худ иншоот, биноҳо, иншооти хоҷагидорӣ, техника ва таҷҳизоти барои ӯ ҷудошударо истифода намуда, онро мувофиқи Оинномаи муассис, Оинномаи Парки технологӣ ва Низомномаи мазкур истифода менамояд.

23) Фаъолияти Парки технологӣ аз ҳисоби манбаъҳои зерин маблағгузорӣ мешавад:

-шартномаҳои хоҷагидорӣ;

-маблағҳо аз ҳисоби маблағҳои соҳибкорӣ (фурӯхтани маҳсулот, ки дар муаасисаи таълимӣ ва илмӣ истеҳсол карда мешавад, хизматрасониҳои пулакии илмию техникӣ ва ғайра);

-грантҳои самти гуногундошта, аз ҷумла, грантҳои хориҷӣ;

-маблағҳо аз ҳисоби амалӣ намудани фаъолияти илмию амалӣ ва машваратӣ;

-пардохтҳои ихтиёрии хайриявии пулӣ, хайрияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии ватанӣ ва хориҷӣ;

- манбаъҳои дигари молиявӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

24) Буҷети Парки технологӣ аз ҳисоби ҷудо кардани маблағҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷетию ғайрибуҷетии муассис ва маблағҳои шартномавии Парки технологӣ ташкил карда мешавад.

25) Пардохти музди меҳнати кормандон мувофиқи музди моҳонаи вазифавӣ аз рӯйи ставкаҳои тарифи ягона гузаронида шуда. вобаста ба намуд ва ҳаҷми маҳсулоти содиротии Парки технологӣ кормандони он ҳавасманд гардонида мешаванд.

26) Ҳангоми пурра маблағгузорӣ нашудани Парки технологӣ музди меҳнат мувофиқи ҳаҷми пулҳои ҷудошуда гузаронида мешавад. Банизомдарории муносибатҳои меҳнатӣ дар ин ҳолат бо роҳи созишномаи байни иттифоқи касаба, иҷрокунанда ва маъмурият муайян карда шуда, бо фармоиши муассис тасдиқ карда мешавад.

27) Муассис бо пешниҳоди роҳбари Парки технологӣ истифода бурдани маблағҳои ғайрибуҷавӣ, ҳаҷми пули боқимонда ва иловапулиҳоро ба музди меҳнати кормандон муайян менамояд.

28) Аз ҳисоби маблағҳои ба дастомада Парки технологӣ ҳуқуқ дарад, ки таҷҳизот ва асбобу анҷоми барои фаъолият заруриро харидорӣ намояд ва онро ба тавозуни худ дарорад.

29) Фаъолияти молиявии Парки технологӣ ба воситаи муҳосиботи марказии муассис бурда мешавад.

30) Хизматрасониҳои муҳандисию техникӣ ва корҳои истеҳсолию таъмирӣ дар қисмҳои сохтории Парки технологӣ аз тарафи хадамоти маъмурӣ-хоҷагидории муассис амалӣ карда мешавад.

**8. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Парки технологӣ**

31) Ҳуқуқҳои ба Парки технологӣ таaллуқдошта аз тарафи роҳбари Парки технологӣ ва аз рӯйи тақсимоти вазифавӣ, аз тарафи дигар шахсони вазифадори Парки технологӣ амалӣ карда мешавад.

32) Барои ноил шудан ба мақсадҳо Парки технологӣ ҳуқуқ дорад:

-оид ба такмил додани сохтори Парки технологӣ ба муассис пешниҳод манзур намояд;

- аз хизматрасонии дигар қисмҳои сохтории муассис (майдонҳои таълимӣ ва истеҳсолӣ, нақлиёт, техникаи ташкилӣ, хизмати алоқа, китобхона ва ғайра) истифода барад.

33) Парки технологӣ метавонад дигар ҳуқуқҳоеро, ки дар оинномаи муассис, Парки технологӣ ва Низомномаи мазкур муайян шудаанд, амалӣ намояд.

34) Кормандони Парки технологӣ дар фаъолияти худ аз ҳамаи он ҳуқуқҳое, ки кормандони муассисаи таълимӣ ё илмӣ, ки муассиси Парки технологӣ мебошад, истифода менамоянд.

35) Кормандони Парки технологӣ бо розигии муассисаи таълимӣ ё илмӣ, ки муассиси Парки технологӣ мебошад ва фармоиши роҳбари Парки технологӣ метавонанд барои иҷро намудани супоришҳои таълимӣ ҷалб карда шаванд.

36) Парки технологӣ ӯҳдадор аст:

- меъёрҳоеро, ки оинномаи муассисаи таълимӣ ё илмӣ, ки муассиси Парки технологӣ мебошад ва Низомномаи мазкур пешбинӣ намудааст, риоя намояд;

- барои махфӣ нигоҳ доштани ҳуҷҷатдорӣ, иттилоот, дониш, таҷриба, ки нисбати характери махфӣ будани онҳо, муассис қарор қабул намудааст, тадбирҳои зарурӣ андешад ва дар мавриди риоя нагардидани ин талабот тибқи тартиби муқарраргардида ва қонунгузории амалкунанда дар назди муассис ҷавобгӯ мебошад;

- пояи моддию техникии ба ихтиёри Парки технологӣ додашударо мувофиқи талаботи меъёрҳои муқаррарнамудаи муассис нигоҳ дорад.

### 9. Назорати фаъолияти Парки технологӣ

37) Мақоми ваколатдори давлатии назорати фаъолияти Парки технологӣ Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

38) Мақоми ваколатдори давлатии назорати фаъолияти Парки технологӣ дар доираи салоҳияти худ ҷиҳати масъалаҳои назорати Парки технологӣ қарор қабул менамояд ва оид ба фаъолияти онҳо тавсияҳои методӣ пешниҳод мекунад.

39) Самтҳои фаъолияти Парки технологӣ (ташкили фаъолияти инноватсионӣ, ҳисобот, ҳуҷҷатнигорӣ ва ғайра) аз тарафи қисмҳои сохтории муассисаи таълимӣ ё илмӣ, ки муассиси Парки технологӣ мебошад, назорат карда мешавад.

40) Роҳбари Парки технологӣ ҳар сол дар ҷаласаи васеи мақомоти олии муассисаи таълимӣ ё илмӣ, ки муассиси Парки технологӣ мебошад, оид ба фаъолияти Парки технологӣ ҳисобот медиҳад.

41) Назорати ҷориро аз болои фаъолияти Парки технологӣ муовини дахлдори роҳбари муассисаи таълимӣ ё илмӣ, ки муассиси Парки технологӣ мебошад, амалӣ менамояд.

### 10. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Парки технологӣ

42) Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии парки технологӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда сурат мегирад.

### 11. Андозбандии Парки технологӣ

43) Парки технологӣ мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муассисаи ғайритиҷоратӣ андозбандӣ карда мешавад.